***УДК*** *316.3*
***DOI*** *10.24412-2413-2004-2022-4-20-27*

***БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР ВА РОҲҲОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ВАЗЪИ ИҶТИМОИИ ОНҲО***

***Юсупова Зарина Шарофиддиновна****,*
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ОБ УЧАСТИИ ЖЕНЩИН В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА И ПУТИ УЛУЧШЕНИЯ ИХ СОЦИАЛЬНОГО ПОЛОЖЕНИЯ***

***Юсупова Зарина Шарофиддиновна,***
*старший преподаватель кафедры конституционного права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***SOME CONSIDERATIONS BESET WITH PARTICIPATION OF WOMEN IN SOCIO-ECONOMIC LIFE OF MODERN TAJIKISTAN AND WAYS OF IMPROVEMENT OF THEIR SOCIAL STATUS***

***Yusupova Zarina Sharofiddinovna,*** *senior lecturer of the department of constitutional law under the TSULBP; (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *zysh1981@mail.ru*

*Мавқеи иҷтимоиву иқтисодии занон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст,ки мақоми занон дар оила ва ҷомеа, иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии кишвар, баробарии гендерӣ ва баробарӣ дар оила, ба меҳнат ҷалб гаштани занон ҳамаҷониба баррасӣ гардад. Таъсири бӯҳрони сиёсиву иқтисодии солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон, дигаргуниҳои иқтисодӣ ва падидаҳои иҷтимоии дар кишвар ба амал омада ва таъсири онҳо ба мавқеи занон,падидаҳои хоси ин раванд, паст шудани даромади онҳо, камбизоатӣ, бекорӣ, паст шудани сатҳи зиндагӣ, табақабандии шадиди иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин тадбирҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа шарҳу тавсиф шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои олилавӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсати гендерӣ, шуғли занон, мақоми иҷтимоии занон*

*Анализируется социально-экономическое положение женщин в независимом Таджикистане. Предприняты усилия для комплексного рассмотрения положения женщин в семье и в обществе, их участие в политической и экономической жизни страны, гендерное равенство и равноправие в семье, вовлечение женщин в трудовую деятельность. Описывается влияние политического и экономического кризиса первых лет независимости Таджикистана, экономических изменений и социальных явлений в стране на положение женщин, специфика этого процесса, доходы, бедность, безработица, уровень жизни таджикистанок, изучено острое социальное расслоение. Также были описаны меры, принимаемые Правительством Таджикистана для повышения статуса женщин в обществе.*

***Ключевые слова:*** *семейные отношения, социально-экономическое положение, гендерная политика, занятость женщин, социальный статус женщин*

*The article dwells on socio-economic status of women in independent Tajikistan. The author of the article made an endeavor to comprehensively consider women`s status in the family and society; their participation in the politico-economical life of the country, gender equality and equal right in the family and their involvement in labor activities being taken into account as well. The author describes the impact of politico-economic crisis of the first years of independence of Tajikistan, economic changes and social phenomena in the country and their sway over women`s position, specifics of the relevant process, their incomes, poverty, unemployment, living standards and she studies extreme social stratification. Into the bargain, the author describes measures taken by the Government of Tajikistan in order to improve women`s status in society.*

***Key words:*** *family relations, socio-economic status, gender policy, women`s employment, women`s social status*

Мавҷуд будани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва имконияти истифодаи онҳо, мустақилияти шахсро аз бисёр ҷиҳат мақоми иҷтимоии одамон муайян мекунад. Дар навбати худ вазъияти иҷтимоиву иқтисодии одамон аз чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди сатҳи даромад ва имконияти баланд бардоштани он, хусусият ва шароити меҳнат, мавҷуд будани вақти холӣ вобаста аст.

Агар вазъияти занони аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил - сардорони оилаҳои нопурра – маълум бошад, дар оилаҳои пурра вазъият чӣ гуна аст? Чунин оилаҳо аз лиҳози равнақи моддӣ ва тақсимоти баробари захираҳо барои зан биҳиштанд? Тадқиқот нишон медиҳад, ки ҳаргиз ин тавр нест. Хусусан дар мавридҳое, ки зан ё умуман даромади худро надорад ( кадбону аст), ё саҳми ӯ дар буҷаи оила хеле ночиз аст, ин мушкилот бо шиддати том арзи вуҷуд мекунад. Дар ин маврид вазъияти тобеияти иҷтимоию иқтисодии зан ба вуҷуд меояд [ 3, с.5].

Р. Листер се ҷабҳаи тобеияти молиявии занро аз мард ҷудо мекунад: 1) кам будани назорат (мувофиқи маълумоти тадқиқот вазъияти занҳои аз шавҳар ҷудошуда бадтар аст, вале кайфияти иҷтимоии онҳо хеле беҳтар мебошад, зеро онҳо худашон ба захираҳои оилавӣ назорат мекунанд) ; 2) камҳуқуқӣ; 3) эҳсоси ҷавобгарӣ барои сарф кардани пул ( занҳое, ки маош намегиранд, шарм медоранд барои худ пул сарф кунанд) [ 14, с.50].

Яке аз нишонаҳои асосии хукмравоии мард ба зан хушунат мебошад. Баъзе муҳаққиқон оиларо чун "системаи ҳокимияте" арзёбӣ менамоянд, ки дар он обрӯи мард ба захираҳои иқтисодӣ ва мавқеи ӯ дар ҷамъият асос меёбад. Ҳарчанд дар мусоҳиба занҳо хушунати ҷисмониро нисбати худ хеле кам зикр мекунанд, вале хушунати психологӣ ҳодисаи хеле интишорёфта аст. Ҳукмравоӣ бар зан дар чунин шаклҳо зоҳир мегардад: моҷароҳои оилавӣ, талаб кардани ҳисоботи пулҳои масраф шуда, муқобилати шавҳар ба пешравии мансаби зан, худсарона кам кардани маблағе, ки барои зан ҷудо карда шудааст.

Зуҳуроти "безарартари" нобаробарии иқтисодии занҳо дар оила – тақсими корҳои хона мебошад, ки аксар вақт занҳоро қонеъ намегардонад, аммо онҳо наметавонанд ё ҷуръат намекунанд, ки онро ба фоидаи худ ҳал кунанд. Дар анъанаи феминистӣ робитаи зерини сабабу натиҷа баррасӣ мешавад: азбаски зан камтар пул кор мекунад, ба вай ҳиссаи камтари даромади оилавӣ мерасад, ки инро ҳаҷми зиёди вақти холии ӯ ҷуброн намекунад. Модоме, ки зан худашро хӯронда наметавонад, мард ӯро истисмор менамояд. "Бартарияти оилаеро, ки дар он мард ба "пулёбӣ "машғул шуда, зан кадбону мебошад, арзёбӣ карда, занҳо муфид будани чунин тақсими нақшҳоро барои умуман оила ё аъзои алоҳидаи он тасдиқ кардаанд, вале на барои худ"[ 4,с.4 ].

Илова бар ин, зан дар назари аҳли оила "сарфкунандаи" пули бо араќи ҷабин рӯбидаи шавҳар менамояд. Агар мард бо пайдо кардани пул машғул бошад, зан фақат

метавонад онро каму беш оқилона сарф намояд, лекин онро зиёдтар карда наметавонад. Баъзан мардҳо аз хароҷоти калони занҳои худ норозӣ шуда, шубҳа мекунанд, ки онҳо як қисми пулро пинҳон менамоянд.

Боз як натиҷаи тобеияти иқтисодӣ - маҳдудшавии имконияти назорат ба захираҳои оилавӣ мебошад. Ин вазъият дар оилаҳои гуногундаромад мухталиф аст. Тасаввуротро дар бораи оила чун як чизи том ва иҷрокунандаи вазифаи ягонаи фоидаовар (Г.Баккер), оилаҳои камбизоате, ки мақсадашон зиндамонии ҷисмонию иҷтимоист, ба таври аёнӣ инъикос мекунанд. Дар ин маврид доир ба ҳуқуқу вазифаҳои зану шавҳар кам саволҳо пайдо мешаванд, аммо бори идоракунии даромади нокифоя одатан ба дӯши зан меафтад.

Баробари дар оила пайдо шудани даромади иловагӣ дар тақсими он зиддият ба вуҷуд меояд. Таҳлили мусоҳиба бо занони аз ҷиҳати иқтисодӣ мавқеашон гуногун нишон медиҳад, ки дар оилаҳои камбағал даромади шавҳар пурра ба буҷаи оила даромада, ба дасти зан дода мешавад; дар оилаҳои даромадашон миёна зану шавҳар ҳуқуқи тақрибан баробар сарф кардани пулро доранд; дар оилаҳои даромадашон калон шавҳар ба занаш бо салоҳдиди худ барои рӯзгор ва харҷи шахсӣ пул медиҳад.

Тобеияти иқтисодӣ бо маҳдуд намудани озодии шахсии занҳо дар чаҳорчӯбаи оила низ зоҳир мегардад. Бо вуҷуд он, ки вақти соҳибхоназан модари дар давраи ҳомиладорӣ буда, ба қавли як зани мусоҳибакунанда, “арзише надорад”, зани аз рҷиҳати иқтисодӣ тобеъ на ҳама вақт метавонад, ки онро бо ихтиёр ва салоҳдиди худ гузаронад. Назорати мард то ба мақоми хизматгор паст фуровардани зан низ зоҳир мегардад, агар имконияти киро намудани хизматгор мавҷуд набошад.

Ниҳоят, аз лиҳози иҷтимоию психологӣ низ занҳо аксар вақт аз мақоми номустақили худ азоб мекашанд. Ҷамъияти мо ҷамъияти мардсолорист ва арзишҳое, ки бо стандартҳои рафтори мардона марбутанд, ба монанди арзишҳои мустақилияти молиявӣ, чун арзишҳои умумибашарӣ дарк карда мешаванд. Ҳатто занҳое, ки аз ҳаёти оилавии худ қонеанд, гуфтанд, ки худро ба ҳар ҳол аз шавҳарашон як зина поёнтар ҳис мекунанд, чунки пул кор намекунанд. Худи зарурати пул пурсидан нобаробарии мақоми зану мардро таҷассум менамояд. Шарафи озорёфта, хоҳиши “худро инсон ҳис кардан” омилҳои қавӣ ва таҳриркунандае мебошанд, ки занҳоро ба кор кардан маҷбур месозанд, ҳатто агар ба ин зарурати иқтисодӣ набошад.

Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ чун дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ истиқлолияти давлатиро ба даст овард. Вале ин воқеаи фарахбахш дар шароите ба вуҷуд омад,ки кишварро бӯҳрони шадиди иҷтимоиву иқтисодӣ фаро гирифта буд, вазъи сиёсӣ низ бар асари кашмакашиҳои ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии навтаъсис муташанниҷ гашта буд.

Таҳлил нишон медиҳад,ки пошшӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ боиси канда шудани робитаҳои иқтисодӣ ва сар задани бӯҳрони иқтисодӣ гардид. Ҷанги дохилии панҷсола, ки ҷони 150 000 нафарро гирифт, 25 000 зан бева ва 55 000 кӯдак ятим монд, бӯҳронро дучанд гардонид. Бӯҳрони молиявӣ Ҳукуматро водор кард, ки барномаҳои таъминоти иҷтимоиро, ки дар замони Шӯравӣ таҳия шуда буданд, ногаҳон қатъ намояд ва дар баробари ин, хароҷотро барои низоми маориф ва тандурустӣ хеле кам кунад. Аз сабаби нарасидани маблағ муассисаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба шароити ногувор мувоҷеҳ гаштанд. Қисми зиёди аҳолӣ, аз ҷумла занон бинобар барҳам хӯрдани низоми мавҷудаи ҳифзи иҷтимоӣ бемуҳофизат монданд [2].

Дигаргуниҳои иқтисодӣ ва падидаҳои иҷтимоие, ки дар кишвар ба амал омаданд, боиси тағйироти амиқ, пеш аз ҳама дар мавқеи занон гардиданд. Падидаҳои хоси ин раванд паст шудани даромади онҳо, камбизоатӣ, бекорӣ, паст шудани сатҳи зиндагӣ, табақабандии шадиди иҷтимоӣ ба шумор мерафтанд. Дар раванди ислоҳоти ҷомеа иҷрои

вазифаҳои модарӣ ба зан мушкилтар гардид. Вазъи иқтисодӣ, ҷисмонӣ, равонии занон, ки сатҳу сифати неруи мавҷуда ва ояндаи инсонии кишварро муайян мекунад, ба таври назаррас бадтар мешуд[13].

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) ва солҳои аввали баъдиҷангӣ дар мамлакатамон раванди ташаккули иқтисоди бозорӣ мушоҳида гардид,ки ин омил вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии занонро дар маҷмӯъ вазнинтар гардонид. Сатҳи пасти фаъолияти иқтисодии занон, сатҳи баланд ва бекории дарозмуддат дар байни занон , феминизатсияи камбизоатӣ, афзоиши тамоюлҳои табъиз дар меҳнат ва шуғли занон, паст шудани сатҳи таҳсилоти занон, бад шудани амнияти иҷтимоӣ, рақобатпазирии пасти занон дар бозори меҳнат, намояндагии ками занон дар қабули қарорҳо ва ғайра гугувоҳи ин иддаоянд.

Оқибатҳои давраи гузариш махсусан ба қисми занони аҳолии мамлакат таъсири манфӣ расонд. Сарбории занон ба далели он ки бештари мардони қобили кор маҷбур ба муҳоҷирати корӣ дар ҷустуҷӯи кор шудаанд, афзоиш ёфтааст. Эҳёи муносибатҳои анъанавии патриархалӣ мақоми занро дар ҷомеа ба маротиб поин бурд. Издивоҷи бармаҳал, издивоҷи маҷбурӣ, бисёрзанӣ ва хушунати хонаводагӣ густариш ёфт. Ҳамаи шароитҳои дар боло зикршуда ба вазнин гаштани шароити занон ва кӯдакон мусоидат карданд.

10 сентябри соли 1998 бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи миллии чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани мақом ва нақши занон барои солҳои 1998-2003 тасдиқ карда шуд[6]. Бо қабул гардидани Платформаи миллии амал оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ӯҳдадориҳои муайянеро ба зимма гирифт. Ин ҳадафҳо ва афзалиятҳо мавқеъ ва мақоми занро дар ҷомеа ба куллӣ тағйир дода, иқтидори зеҳнӣ ва маънавии зан дар ҷаҳони муосир нақши рӯзафзун пайдо кард, масъалаҳои нави таъхирнопазири баланд бардоштани нақши занон ба миён гузошта шуданд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа», ки соли 1999 ба табъ расид, эътирофи расмии дастгирии сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди устувор дар ҷомеа мебошад, ки он ба таъмини ҳуқуқи баробар ва имкониятҳои баробари ҳамаи аъзои ҷамъият нигаронида шудааст.

Дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар ҳақиқат вазъи иҷтимоии занон, ҷалби онҳо ба шуғли меҳнат дар сатҳи паст қарор дошт. Занони Тоҷикистон ба печидагии вазъи иҷтимоию иқтисодии худ бо афзоиши фаъолияти ҷамъиятӣ, ки пеш аз ҳама дар рушди ташаббусҳои шаҳрвандии занон зуҳур мекард, посух доданд [9,с.26]. Дар ҷомеа ва дар ниҳояти кор рафъи нобаробарии гендерӣ тавассути тадбирҳо ва барномаҳои мушаххасе, ки мутобиқшавии занон ба шароити нави меҳнат ва маишати занонро таъмин менамоянд, яъне бо роҳи ташкили касбомӯзӣ ва бозомӯзии занон, фароҳам овардани шароит барои худшиносии касбии онҳо, ёрии ҳамдигарӣ ва дастгирии ташаббусҳои меҳнатӣ таъмин гаштанд.

Ихтисори истеҳсолот, хусусигардонӣ боиси аз бахши давлатӣ озод шудани қувваи корӣ ва кам шудани талабот ба қувваи кории иловагӣ гардид. Инкишофи раванди ғайриндустриякунонӣ дар рафтиислоҳоти бозор боиси аз 21%-и соли 1991 то 8%-и соли 2003 кам шудани шумораи нокон дар саноат гардид[10,с.69]. Як қисми аҳолии қобили меҳнат ба соҳаҳои камсамари кишоварзӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, савдои майда тақсим карда шуданд. Дар баробари ин шумораи бекорон зиёд шуда, ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ба вуҷуд омад.

Таҳлил нишон медиҳад,ки муаммои бо кор таъмин намудани аҳолӣ, аз ҷумла қисми занони он ҳамоно яке аз масоили тезу тундтарин ва душвортарин дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Аксарияти занон дар соҳаҳои каммузд - кишоварзӣ, маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва ғайра кор мекунанд. Бар асари сегрегатсияи касбӣ дар бозори меҳнат, дар тамоми бахшҳо музди меҳнати занон умуман нисбат ба мардон пасттар аст. Дар охири соли 2015 музди меҳнати занон 61,1 фоизи музди кори мардонро ташкил кард[1,с.137-138].

Сарфи назар аз бартарии занон дар кори кишоварзӣ дар дастрасии замин нобаробарии гендерӣ равшан ба назар мерасад. Шумораи занон ,ки дар соҳаи кишоварзӣ шуғл меварзанд (ба сифати коргарони кироя дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ (колхозҳо), дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дар қитъаҳои наздиҳавлигӣ) нисбат ба мардон бештар мушоҳида мегардад. Чунончӣ, тибқи рӯйхатгирии аҳолии соли 2000 миқдори занони дар хоҷагии наздиҳавлигӣ машғули кор (ин самти фаъолият шуғли асосии онҳо ба шумор меравад) 213,5 ҳазорнафарро ташкил кард ё ба 100 нафар мард 127 нафар зан рост омад; дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фаъолияти кироя ва ғайрикироя)-80,2 ҳазор нафар занон машғули кор буданд ё ба 100 нафар мард 108 нафар зан рост омад. Соли 1999 дар 3,9 % хоҷагиҳои фермерӣ занон сарвар бошанд, пас дар соли 2003 ин нишондод ба 5,6 % баробар шуд[5,с.4].

Аз соли 2004 то соли 2016 шумораи хочагиҳои деҳқонӣ, ки ба онҳо занон сарварӣ мекунанд, аз 2695 ба 31041 адад расид. Дар ҳамин ҳол, шумораи раисони хоҷагиҳои деҳқонӣ-занҳо дар соли 2016 тақрибан 4 маротиба нисбат ба мардон камтар аст. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқоние, ки ба онҳо занон сарварӣ мекунанд, ҳамагӣ 21,4 фоизиро ташкил мекунад.

Хушбахтона ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои занону бонувон имкониятҳои фарохи беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ фароҳам оварда шуда, онҳо дар тамоми самтҳои афзалиятноки ҷомеа нақши калидӣ доранд. Имрӯз дар сохторҳои давлатии кишвар сафи занҳои роҳбар дар ҳоли афзоиш аст.

Дар сатҳи Ҳукумати мамлакат оид ба масъалаҳои занон, ба вуҷуд овардани шароити меҳнат, беҳтар намудани ҳаёти онҳо санадҳои муҳими ҳуқуқӣ қабул гаштанд. Махсусан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи баланд бардоштани мақоми занон дар ҷамъият" дар роҳи аз байн бурдани қолабҳои гендерӣ ва баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷамъият замина фароҳам овард[12].

Ин санад муҳимтарин дастуре буд барои инкишоф ва қабули даҳҳо дигар санадҳои ҳуқуқӣ оид ба беҳтар намудани шароити занон. Ҳукумати мамлакат якчанд санадҳои дигарро, аз қабили Барномаи давлатӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати давлат оид ба таъмини ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои занон ва мардон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001- 2010", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробар амалӣ гардондани он", Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва таъмини кадрҳои роҳбарикунандаи занони боистеъдод ва духтарон барои солҳои 2007- 2016", Стратегияи миллии "Баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва ғайра қабул ва амалӣ намуд.

Дар Тоҷикистон барои беҳтар кардани шароити шуғлу меҳнат тадбирҳои муҳим андешида шуданд. Тадбирҳо аз қабили ҷудо кардани квотаҳои президентӣ барои қабул ба мактабҳои олӣ, грантҳо барои занони соҳибкор, стипендияи президентӣ барои хонандагони мактабҳои маълумоти умумӣ, миёнаи махсус ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва ғайра андешида шуданд. Барои дастгирии занони соҳибкор, аз ҷумла соҳибкорони

деҳот, аз соли 2006 механизми ҷудо намудани грантҳои Президентӣ истифода мешавад, ки он имкониятро баҳри таъмини рақобатпазирии занони соҳибкор, дастрасӣ ба захираи молиявӣ, баланд бардоштани тахассуси занони соҳибкор васеъ намуд.

Аз соли 2011 то соли 2015 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 грант,аз соли 2016 то соли 2020 бо ин мақсадҳо ҳар сол 80 гранти президентӣ ба маблағи умумии 2 миллион сомонӣ ($340 000) таъсис дода шуд, ки тақсимбандии он чунин буд: 20 гранти 40 ҳазор сомонӣ, 20 гранти - ҳар як 30 ҳазор сомонӣ, 20 грант - 20 ҳазор сомонӣ ва 20 гранти – ҳар кадом 10 ҳазор сомонӣ [11,с.9].

Тибқи иттилои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то якуми январи соли 2021 дар соҳаи хизмати давлатӣ аз шумораи умумии 5718 нафар кадрҳои роҳбарикунанда 1098 ва ё 19,2 фоизро занон ташкил доданд. Ин нишондиҳанда шаҳодати пешравии фаъолияти зани тоҷик дар ҷомеа мебошад. Дар воқеъ, бонувони тоҷик бо ҳунару заковат, ғайрату дониш, маҳорати забондонӣ ва одобу нафосати шарқиёна дар таҳкими пояҳои навини давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми назаррас доранд.

Дар доираи татбиқи "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022" соли 2020 як нафар зан ба мансаби муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ду нафар вазир ва ду нафари дигар ба вазифаи раисони ноҳияҳо таъин гардиданд.

Мувофиқи таҳлили Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи интихоботи вакилон дар соли 2020 нишон дод, ки ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии кишвар 8 зан ва ё 25,8 фоиз, инчунин ба Маҷлиси намояндагон 15 зан ё 23,8 фоиз интихоб шуданд, ки ин миқдор нисбат ба интихоботи қаблӣ афзудааст.

Ҳукумати мамлакат ба қувваи бузург ва неруи тавоною созандаи занон эътимоди бузург дошта, минбаъд низ барои дастгирии онҳо дар тамоми самтҳо тадбирҳои амалӣ меандешад. Роҳандозии курси 6-моҳаи омӯзишии "Мактаби сарварони ҷавон" тақвияти гуфтаҳои болост. Ин ташаббуси наҷибу созанда аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ҷиҳати ҷалби бештари духтарону занон ба хизмати давлатӣ ва дигар сатҳҳои роҳбарикунанда барои 50 нафар донишҷӯдухтарони фаъолу соҳибистеъдод пешбинӣ ва қабул гардидааст. Ҳамин аст, ки айни ҳол дар ин курс донишҷӯдухтарони фаъоли муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ҷалб ва ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Бояд гуфт, ки ин иқдом баҳри густариши фаъолияти минбаъдаи бонувон мусоидат менамояд.

Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки: "Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, хизмати давлатӣ, кишоварзӣ ва саноат, инчунин, дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар низ софдилонаву содиқона заҳмат кашида истодаанд.

Маҳз ба ҳамин хотир, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон, аз ҷумла дар мақомоти роҳбарикунанда ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад"[8].

Имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар 73 фоиз ва тандурустӣ наздики 68 фоизи кормандонро ташкил медиҳанд. Инчунин дар Хадамоти алоқа - 64 фоиз, Кумитаи забон ва истилоҳот - 60 фоиз, Вазорати адлия - 58 фоиз, Вазорати фарҳанг - 36,2 фоиз ва Агентии хизмати давлатӣ - 34,1 фоиз занон фаъолият менамоянд [ 7]. Маврид ба зикри хос аст, ки занони шарафманди тоҷик дар дигар самтҳои ҳаётан муҳими ҷомеаи кунунӣ фаъолияти пурмаҳсул доранд.

Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки зани тоҷик дар баробари фаъолияти давлатӣ, инчунин асолати аслии худ, ҳамсари хуб ва модари меҳрубон буданро фаромӯш насохта, муваффақона вазифаҳои бар зимма доштаашро иҷро менамояд.

Хизматҳои содиқона ва фаъолияти пурсамари бонувон аз ҷониби Ҳукумати кишвар қадр гардида, баҳри зиёд намудани роҳбарони сохтору вазоратҳо аз ҳисоби занон табдирҳои судманд пешбинӣ ва амалӣ мегардад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд,ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди бартараф намудани вазъи буҳронии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар масъали рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, аз ҷумла беҳдошти шуғли меҳнати занон тадбирҳо андешида шуданд. Барои амалӣ гардондани ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд, инчунин иштироки баробарҳуқуқи онҳо дар соҳаи итисодиёти кишвар таъмин гардид, рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат рӯ ба афзоиш ниҳод. Ҳамзамон аз давраи аввали истиқлолият то ба имрӯз вазъи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла занон пайваста дар маркази таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт. Зеро, сиёсати иҷтимоӣ муҳимтарин самти сиёсати давлат дар ҷомеаи Тоҷикистон аст.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Агентство по статистике при Президенте РТ. Таджикистан: 25 лет государственной независимости. Статистический сборник. – Душанбе, 2016. - С.137-138.*
2. *Альтернативный доклад о ходе выполнения Республикой Таджикистан Международного пакта об экономических, социальных и культурных правах. 2006//http://hrlibrary. umn. edu/ russian/esc/ Raltngoreport_ Tajikistan 2006. html (Санаи муроҷиат: 02.03.2022)*
3. *Балабанова Е.С. Зависимость женщин: теоретические подходы к изучению / Е.С. Балабанова // Гендерные исследования. - 2000. № 4.- С. 266-277.*
4. *Беляева Ю.В., Тукумцев Б.Г. Социальное самочувствие женщин занятых преимущественно домашним хозяйством: попытка социального анализа / Беляева Ю.В., Б.Г. Тукумцев // Женщина в российском обществе. - 1997. - №4. -С.2-6*
5. *Документирование опыта ЮНИФЕМ СНГ по совершенствованию законодательства в Таджикистане. - Душанбе, 2007. – 49 с.*
6. *Национальный план действий по улучшению положения женщин Республики Таджикистан, по повышению статуса и роли женщин на 1998-2003 гг. - Душанбе,1998. – С.68.*
7. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.21.// www.president.tj (Санаи муроҷиат: 03.03.2022).*
8. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».21.12.2021//http://prezident.tj/node/27417 (Санаи муроҷиат: 03.03.2022).*
9. *Развитие женского предпринимательства в Республике Таджикистан: основные характеристики и проблемы (итоги исследования НАДЖТ). - Худжанд, 2001. – 26 с.*
10. *Статистический ежегодник РТ - 2003. – Душанбе: Госкомстат, 2003. – 69 с.*
11. *Третий альтернативный доклад общественных объединений Таджикистана по реализации Конвенции о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин. – Душанбе, 2018. – 25 с.*

12. *Указ Президента Республики Таджикистан от 3 декабря 1999 года № 5 " О повышении роли женщин в обществе". // http://www.adlia.tj /show_doc.fwx?rgn=10595&conttype=3 (Санаи мурочиат: 02.03.2022).*
13. *Шарипова С.М. Женщины Таджикистана в новых социально-исторических условиях первого десятилетия независимости / С.М. Шарипова // https://cheloveknauka. com/zhenschiny-tadzhikistana-v-novyh-sotsialno-istoricheskih-usloviyah-pervogo-desyatiletiya-nezavisimosti (Дата обращения: 02.03.2022)*
14. *Lister R. Women, Economic Dependency and Citizenship // Journal of Social Policy.Vol.19. Part 4. October, 1990.– 451с*


**Reference Literature:**


1. *Agency of Statistics under Tajikistan Republic President. Tajikistan: 25 Years of State Independence. Statistical collection. - Dushanbe. 2016. - pp. 137-138.*
2. *Alternative Report on the Implementation of International Covenant on Economic, Social and Cultural Rights by Tajikistan Republic. 2006//http://hrlibrary. umn. edu/ russian/esc/ Raltngoreport_ Tajikistan 2006. html (Date of appeal: 02.03.2022).*
3. *Balabanova E.S. Women's Addiction: Theoretical Approaches to Study // Gender Studies. 2000. No. 4.- pp. 266-277.*
4. *Belyaeva Yu.V., Tukumtsev B.G. Social Well-Being of Women Primarily Engaged in Household Chores: an attempt at social analysis // Woman in Russian Society. 1997. - No. 4. - pp. 2-6.*
5. *Documenting Experience of UNIFEM CIS in Improvement of Legislation in Tajikistan. - Dushanbe, 2007. - 49 pp.*
6. *National Action Plan for the Improvement of Women`s Status of Tajikistan Republic, for the Improvement of Women`s Status and Role for 1998-2003. - Dushanbe, 1998. – p. 68.*
7. *The Message of the Founder of National Peace and Unity – the Leader of Nation, Tajikistan Republic President, his Majesty Emomali Rahmon to the Supreme Council of Tajikistan Republic Dated 26.01.21 p.// www.president.tj (Date of appeal: 03.03.2022)*
8. *The Message of the Founder of National Peace and Unity – the Leader of Nation, Tajikistan Republic President, his Majesty Emomali Rahmon “On the Main Streamlines of Internal and Foreign Policy of the Republic”.*
9. *Development of Women's Entrepreneurship in Tajikistan Republic, the Main Characteristics and Problems (results of the NABWT study) - Khujand, 2001. - 26 pp.*
10. *Statistical Annual Book of Tajikistan Republic 2003. - Dushanbe, Goskomstat, 2003. - 69 pp.*
11. *The third Alternative Report of Public Associations of Tajikistan on the Implementation of the Convention on Elimination of All-Forms of Discrimination against Women. – Dushanbe, 2018. – 25 pp.*
12. *Decree of Tajikistan Republic President Dated December 3, 1999 No. 5 “On Enhancement of Women`s Role in Society". // http://www.adlia.tj /show_doc.fwx?rgn=10595&conttype=3 (Date of appeal: 03/02/2022)*
13. *Sharipova S.M. Women of Tajikistan under the New Socio-Historical Conditions of the first Decade of Independence // https://cheloveknauka. com/zhenschiny-tadzhikistana-v-novyh-sotsialno-istoricheskih-usloviyah-pervogo-desyatiletiya-nezavisimosti (Date of appeal: 03/02/2022)*
14. *Lister R. Women, Economic Dependency and Citizenship // Journal of Social Policy. Vol. 19. Part 4. October, 1990. - 451 pp.*